**Парвин ХОЛИҚОВ**



# БАШОРАТ

***(Шеърҳо)***

**Нашриёти «TAMADDUN»,**
**Тошканд - 2018**

УДК: 821.512.133-1
КБК: 84(5 Тож)6
П 26
Парвин Холиқов. Башорат –Тошканд. «Тамаддун», -2018. 28 саҳ.

КБК 84(5 Тож)6

**Ба чоп ҳозиркунанда:**
Шуҳрат БОБОҶОН

Китобе, ки дар дасти Шумост аз навмашқҳои як ҷавони эҷодкоре, ки бо сад андеша ба майдони адаб пой мегузорад омодаи нашр гардидааст. Парвин дур аз марказҳои адабӣ, дар деҳаи дурдасти Синтаб ба таълими наврасон машғул аст. Шеърҳояш самимиянд. Аз ин рӯ онҳоро ба Шумо хонандагони гавҳаршинос пешниҳод намуда, умед дорем, ки Парвин бештар меомӯзаду рӯзе мерасад, ки овозаи шеъраш то ба Парвин мерасад.

ISBN 978-9943-4555-1-1

© Парвин ХОЛИҚОВ,
© Нашриёти «TAMADDUN»,
Тошканд, соли 2018

# ДЕҲАИ МАН

Деҳаи зебои ман поянда бод,
Чашмаҳову кӯҳҳояш зинда бод.
Одамонаш хайрхоҳу некдил,
Дар лаби хурду калонаш ханда бод!

Оби рӯдаш гӯиё оби ҳаёт,
Медиҳад аз дардҳо касро наҷот.
Аҳли онро лафз чун қанду набот,
Лафзи ширини даришон зинда бод!

Деҳаам як гӯшаи сабзи диёр,
Чашмаҳову рӯдҳояш беғубор.
Чор фаслаш гӯиё фасли баҳор,
Деҳаи ободи ман фархунда бод!

# ФИДОЯТ МАН

Ало булбул садое кун,
Ки муштоқи садоят ман.
Барор аз дил ту ғамҳоро,
Фидоят ман, фидоят ман.

Надорад бе ту рангу бӯ,
Бубин боғи Ирам имрӯз.
Бикун пайваста хонишҳо,
Чароғи ишқу  дил афрӯз.

Биҷӯем дурӣ аз дунё,
Кунем айшу тараб барпо.
Дур афканда қабои нанг,
Зи гул созем ба худ сарпо.

# КУҶО ШУД?

Куҷо  тоқии гулдӯзат?
Чаро пажмурда шуд рӯят?
Ба бар карда либоси мард,
Зади қайчӣ ба гесӯят.

Бирафтӣ дур зи асли хеш,
Бикардӣ дарди моро беш.
Бар ин ҳоли табоҳи ту
Кашам оҳе мани дилреш.

Шунав панди маро имрӯз,
Ба бар кун ҷомаи гулдӯз.
Нигини тоҷи моён шав,
Ба ёри худ бишав дилсӯз.

# БАРГАРД

Кучо шуд дину имонат?
Кучо он рӯйи тобонат?
Биолудӣ ба хору хас
Ту ору номусу номат.

“Задӣ қайчӣ ба гесӯят”,
Кашидӣ ранг ба абрӯят.
Чунин  ҳоли табоҳи ту,
Бидида кас чӣ мегӯяд?

Надорӣ шарм аз ин рафтор,
Надорӣ маънӣ дар гуфтор.
Ба ин рафтору ин кирдор,
Ту худро менакун шармсор.

Ба ин қисмат бигу падруд,
Биё баргард аз ин роҳ зуд.
Бимонем ҳурматат бар чо,
“Нигин созем ба тоҷи худ”.

# САДО

Эй додари ҷон, саҳву хатоҳо кардӣ,
Аз мулки дигар ба ман садоҳо кардӣ.
Бархезу биё, Туро дигар аст меҳон,
Дар шаҳри ғарибӣ ту чӣ пайдо кардӣ.

Ду дидаи ман ба роҳи ту чор бишуд,
В-аз дурии ту бубин, дил абгор бишуд.
Якҷоя шавем ба дарди модар дармон,
Ин даври ҷудоӣ бас ҷафокор бишуд.

Боз о, ба диёри худ парафшонӣ кунем,
Дар васфи Ватан шеъру ғазалхонӣ кунем.
Ҳаргиз нарасад газанд ба як пораи он
Чун гаҳвараки чашм нигаҳбонӣ кунем.

# НИДОИ ДИЛ

Бигзашта ин лайлу наҳор,
Дай гашта ин фасли баҳор.
Резад хазон аз умри мо,
Чуғзе гирифт ҷойи ҳазор.

Гоҳе ба худ болидаем.
Гоҳе зи ғам нолидаем,
Бишкаста мо ҷоми савоб,
Имони хеш коҳидаем.

Бишнав садои мо Худо,
Аз ҷону дил созем нидо.
Ҷаннат бикун маъвои мо,
Аз феъли бад бинмо ҷудо.



# АЗ ДАФТАРИ ҒАЗАЛ

Мурғи илҳоми дилам бо тири армон куштаанд,
Бо қабоҳат аз разолат нотавонон куштаанд.
Баски ман бар зиндагӣ дилбастаю дилдодаам,
Дар лаби ҷӯ бо умеди оби ҳайвон куштаанд.
Ду ҷаҳон бар ҳам занам, эҳё кунам дунёи нав,
Бе ҷаҳон дар ин ҷаҳон шамъи ғарибон куштаанд.
Гарчи манзил дур буду роҳи мо пур аз хатар,
Рӯбаҳон бо ҳиллае дар дашт шерон куштаанд.
Шикваю ғам дар дилам пайваста туғён мекунад,
Оқили дарёдилеро зору ҳайрон куштаанд.

***

“Бихон шеъри маро ровӣ чу ҳар ҷо анҷуман бошад”*
Бидонад ёру ағёрам, ки дар он дарди ман бошад.
Дар ин дунёи саргардон, ки дуранд аз макони худ,
Бар он сарсону дилхунҳо, гули боғи Ватан бошад.
Зи ишқи он малаксимо басе ранҷе, ки ман дидам,
Ҳамоно достони  ман, суруди марду зан бошад.
Расад рӯзи видои ман, ки  падруди ҷаҳон гӯям,
Ба рӯйи қабри ман бингар, ки танҳо ёсуман бошад.

---

**Мисраъ аз Ҷаъфар Термизӣ*

***

Дар талоши молу дунё, тарки имон мекунем,
Аз пайи сарват шитобон, хеш сарсон мекунем.
То ба имрўз бандае, дунё зи ин дунё набурд,
Аз барои нафси шум ёрӣ ба шайтон мекунем.
Корвони умри мо рўзе барад бар як макон,
Шўру ғавғо карда мо тундӣ ба сарбон мекунем.
Бо  гузашти солҳо даврони пирӣ, мерасад,
Тарси инъоми  амал, ёде зи Қуръон мекунем.
Парвино, аз гиру дори зиндагӣ нолӣ чаро?
Он чӣ мехоҳад Худо аз баҳри мо, он мекунем.

***

Дуруд бар ту ало, эй модари ман,
Дар ин дунё ту ҳастӣ довари ман.
Расӣ бар сад мудом  бошӣ саломат,
Ки ҳастӣ давлату тоҷи сари ман.
Марав аз хонаам, эй чашмаи меҳр,
Надорад бе ту файзе ин дари ман.
Ба дил ҷо кардаи сеҳри суханро,
Нахуст устоди ман, эй раҳбари ман.
Расад овозаам то чархи гардун,
Дуо бинмою биншин дар бари ман.

***

Эй дилбари ҷон, ба мо назар кун,
В-аз хонаи дил даме гузар кун.
Рӯ тофтаи зи Каъбаи дил,
Аз қисмати худ ба мо хабар кун.
Майхона ба мо кунун манозил,
В-ин манзили мо ту пуршарар кун.
Шамъе шуда маҳфили ғарибон,
Аз сӯҳбати сифлагон ҳазар кун.
Гар роҳ надиҳанд ба сӯйи мақсуд,
“Бархез зи ҷову тарки сар кун”*

***

“То кучо аз оламу одам шикоят мекунӣ”
То ба кай аз носазоиҳо ҳикоят мекунӣ.
Кӯчаи одамгарӣ боре набигзаштиву лек,
Ин қадар аз неку бад бар мо ривоят мекунӣ .
Ту ба яғмо бурдаӣ  дунёи мазлуму фақир, мекунӣ.
Баҳри ҳар коре бидон ояд мукофоти амал,
Кай пушаймон мешавӣ, тарки разолат мекунӣ?
Бо ҳама беномуси оҳанги адолат мекунӣ.

**Мисраъ аз Ҳофиз*

# Чаҳор соҳил

То тавонӣ бо замон дамсоз бош,
Бо ҳама некахтарон ҳамроз бош.
Гарчи дар қаъри замин ҷоят бувад,
Дар фалак чун боз дар парвоз бош.

* * *

Намедонам чӣ ғам дорӣ ту, эй дил,
Чаро гирёну беморӣ ту, эй дил?
Магир бар худ ғаму дарди замонро,
Самогир шав,чу боорӣ ту, эй дил.

* * *

Сари болини ман, дилбар биё боз,
Давои чораи тадбири дил соз.
Биё, оро даме ту маҳфиламро,
Шавем бо ҳам даме, ҳамдарду ҳамроз.

* * *

Мо ба дунё ҳамчу инсон омадем,
Ҷонфидо аз баҳри некон омадем.
Ҷо надоранд  байни мо он нокасон,
Даст ба кору, дил ба имон омадаем.

* * *

Мадеҳ ранҷа ту худро, марди ғофил,
Ба дарё сар мазан, биншин ба соҳил.
Туро маҳве кунад гирдобу мавҷаш,
Ки дар соҳил туро бошад манозил.

* * *

Нахуст некӣ бикун бар модари ҷон,
Сипас, бар хоҳару додар, азизон.
Накӯномӣ кунад поянда номат,
Зи некномӣ шавад олам чароғон.

* * *

Эй мӯниси ман, дили маро реш макун,
Дарду ғами дил дигар ба ман пеш макун,
Андӯҳи ҷаҳон бубин, ки меҳмони ман аст,
Пас шикваи хеш бар мани дилреш макун.

* * *

Дил, чаро пайваста туғён мекунӣ,
Ин қадар худро ту сарсон мекунӣ?
То наёбӣ баҳри худ як ҳамдиле,
Маъюсӣ, аз чӣ пушаймон мекунӣ?

* * *

Ин ишрату май туро ба пастӣ бибарад,
Ин умри азиз бо ғаму ғурбат гузарад.
Бо нохалафон майли рафоқат кардӣ,
Рӯзе писарат туро гиребон бидарад.

* * *

Худовандо, бар ман имон ато кун,
Зи ранҷи нокасон манро раҳо кун.
Чу Абдуллоҳи Субҳони сухандон,
“Яке аз шоирони Нурато кун”*

* * *

Ту ҳастӣ манзили фардоям, эй гӯр,
Бар оғӯши ту ман меоям, эй гӯр.
Надорам чораву тадбири дигар,
Агарчи бар ҳаёт шайдоям, эй гӯр

* * *

Давоми умри ман бошӣ, писарҷон,
Гуле андар чаман бошӣ, писарҷон.
Дилат бошад чу хуршед гарму ҷӯшон,
Ту шаъми анҷуман бошӣ, писарҷон.

---

**Мисраъ аз Олими Олибоиён*

* * *

Ғами дунё маро обу адо кард,
Хирадманде ба гӯшам як садо кард.
Бигуфто: “Пешаи худ кун сабурӣ,
Шитобад ҳар касе саҳву хато кард”.

* * *

Ту асрори дили манро надонӣ,
Ба гӯши ман шикоятҳо бихонӣ.
Кушоӣ ту ба наздам хони ҳасрат,
Куҷо шуд он русуми меҳрубонӣ?.

* * *

Эй ёри азиз, ишқи нав оғоз кунем,
Ин пардаи асрор ба худ боз кунем.
Сармаст шавем зи бодаи ишқу вафо,
Навқиссаи Қайсу Лайлӣ иброз кунем.

* * *

Чу кӯҳҳо сарбаланд бошӣ, бародар,
Азизу арҷманд бошӣ, бародар.
Дар ин дунёи пурсавдову пурғам,
Иллоҳо бегазанд бошӣ, бародар

* * *

Кулли ғамҳои ҷаҳон, бар дӯши доно мондааст,
Бо ҳама дарёдилӣ, мӯҳтоҷи дарё мондааст .
Умри нокас бо тараб, бо шодмонӣ бигзарад,
Оқили дунёдиле, дар даҳр танҳо мондааст.

* * *

Зи ғамҳои ҷаҳон ҳоло харобам,
Чу Яқуб аз фироқ андар азобам.
Наёбам баҳри дил як ҳамдилеро,
Аз ин тақдири худ дар изтиробам.

* * *

Шунав пандам ту, эй марди гунаҳкор,
“Забонатро зи ношукрӣ нигаҳ дор”.
Магар аз кардаат шарме надорӣ,
Ту бо ин феъли бад охир шавӣ хор.

* * *

Надорад зиндагӣ бе ишқ сафое,
Набошад дарди дилҳоро давое.
Агар сад сола бошию батадбир,
Наёбӣ ту зи дасти он раҳоӣ.

* * *

Тавонӣ гар забонатро нигаҳ дор,
Туро аз ӯ расад сад ранҷу озор.
Бизан мӯҳри хамӯшӣ бар лабонат,
Ва-гарна сар равад то ҳалқаи дор.

* * *

Ин умри азиз чӣ бошитоб мегузарад,
Гаҳ бо гунаҳу гаҳ бо савоб мегузарад.
Шахсе нашавад сутун ба ин боми ҷаҳон.
Аз пеши ду чашм мисоли об мегузарад.

* * *

Ману ту як ду рӯзе шодмонем,
Ту пиндорӣ, ки устуни ҷаҳонем.
Бикун андеша як боре нишаста,
Ки фардо зери хок ҳар ду ниҳонем.

* * *

Аз ин гетӣ ба сад армон бирафтем,
Раҳе норафтаву сарсон бирафтем.
Ба дил ҷо карда мо ғамҳои дунё,
Вале бо чеҳраи хандон бирафтем.

* * *

Задӣ оташ ба дунёи дили ман,
Вале фардо ҳамеҷӯйӣ гили ман.
Манам як шоири беноми деҳа,
Шавад фардо қадамҷо манзили ман.

* * *

Чаро гулзори мо бевақт хазон шуд,
Чаро он ёр ба мо номеҳрубон шуд.
Магар сар зад зи мо саҳву хатое
Ки имрӯз дӯсти ҷон бар қасди ҷон шуд.

* * *

Ало ҳамдеҳаам, эй ҳамзабонам,
Мазан теғи ҷафо бар ҷисму ҷонам.
Мабошад бухсу кин дар тинати ман
Чу дарё бин ба роҳи худ равонам.

* * *

Чаро дунё пур аз ранчу азоб аст,
Чаро шодӣ каму беш изтироб аст.
Ба сахтӣ  меравем рӯ тофта аз ҳам,
Магар чӣ ”Косамон пур аз савоб” аст.

* * *

Ҷавонмардо, биёмӯз дар ҷавонӣ,
Тамоми илму ирфони маъонӣ.
Шавад афзун зи илмомӯзи қадрат,
Ки дар шоҳроҳаи умр дар намонӣ.

* * *

Зи бадгӯӣ даҳонро баста дорам,
Лаби пурхандаю дилхаста дорам.
Ба дил мепарварам ишқи илоҳӣ,
Дуою рӯзаи пайваста дорам.

* * *

Лабат пурхандаю фархунда бошӣ,
Русуми дилбарӣ паймуда бошӣ.
Сари худро фидоят мекунам ман,
Назар бар сӯйи мо бинмуда бошӣ.

* * *

Пирӣ, аммо ҳарфи бенанг мезанӣ,
Шишаи номус бар санг мезанӣ.
Қиблаи худ кардаӣ майхонаро,
По ба гӯру даст бар нанг мезанӣ.

* * *

Чи суд аз ҳастии мову ту, эй дӯст,
Нахондему нафаҳмидем, ҳаёт чист?
Ба мо эҳсон кунанд гаҳ қанду гаҳ заҳр,
Намедонем, ки заҳар чисту набот чист?

* * *

Хурам афсӯс бар ҳоли касоне,
Ки бо фардои худ коре надоранд.
Кунанд пеша ба худ айшу тарабро,
Аз ин рафтори худ оре надоранд.

* * *

Ту хашматро нигаҳ дор, эй бародар,
Ситеза охиру мақсуд надорад.
Ба ақли худ агар султон набошӣ,
Туро панди бузургон суд надорад.

* * *

Шавам то лаҳзае аз ранҷу ғам дур,
Маро бар ҳоли худ як дам гузоред.
Бигирам аз лабонаш бӯсаи тар,
Ба он зебосанам ҳамдам  гузоред.

* * *

Ҳамон марде ки қадри худ надонад,
В-аз ӯ ҳаргиз муроде бар наояд.
Ба гӯшат ҳалқа кун пандам, бародар,
Ки бо онҳо туро сӯҳбат нашояд.

# ДУХТАРИ ДОНО

*Зебоҷонам, калон шав,*
*Сӯйи мактаб равон шав.*
*Хонда ҳар як варақро*
*Аз бар намо сабақро.*

*Муаллим гӯяд хандон:*
*“Аҳсан ба ту Зебоҷон,*
*Бар падарат офарин!*
*Ҳасти ту соҳибзабон.”*

*Дар мактабу синфхона,*
*Шаванд ба ту дугона.*
*Хоҳару додаронат,*
*Гарданд ба ту парвона.*

# МОДАРИ МАН

*Ёвару хушзабонам,*
*Мӯниси ин ҷаҳонам.*
*Парвардаӣ чунонам,*
*Модари меҳрубонам.*

*Фораму хуш садоят,*
*Растаам аз дуоят,*
*Фидо шавам бароят,*
*Модари меҳрубонам.*

*Муаллими ҳаётам,*
*Эҷоду ҳам баётам.*
*Боиси ин суботам,*
*Модари меҳрубонам.*



# ТАНБАЛ

*Фикри бачаи танбал,*
*Коре намешавад ҳал.*
*Назди китоб чун нишаст,*
*Хобаш меояд ба шаст.*
*Пас аз андаке бубин,*
*Равад ба хоби ширин.*
*Бедор шавад саҳар аст,*
*Ин рӯз низ бесамар аст.*
*Равад ба сӯйи мактаб,*
*Бо тарсу ҳоли аҷаб.*
*Чунки шеър аз бар нашуд,*
*Мисолҳо низ ҳал нашуд.*
*Гирад баҳои "2"-ро,*
*"2"-и каллакадуро.*
*Рафта ба сӯйи хона,*
*Меёбад сад баҳона...*
*Рӯзе медонед танбал,*
*Муамморо намуд ҳал:*
*Аз баҳри хобаш гузашт,*
*Аз хоби нозаш гузашт.*
*Танбалиро як сӯ монд,*
*То ними шаб китоб хонд.*
*Дар мактаб аълохон шуд,*
*Ҳама аз ӯ шодон шуд.*



# МАНУЧЕҲРИ ДОНО

*Манучеҳри беқарор,*
*Гоҳе нагардад бекор.*
*Хонад шеъру тарона,*
*Ҳам қиссаву афсона.*
*Хонад “Булбулча доно”,*
*Хоҳад шавад тавоно.*
*Гўяд ба модаркалон,*
*Шеърҳои худро равон.*
*Манучеҳр фахри мактаб,*
*Дар хондану дар адаб.*
*Ҳамеша аз дилу ҷон,*
*Иззат кунад бузургон.*

# СИПОС



*Эй модарҷон, модарҷон,*
*Шумо якто дар ҷаҳон.*
*Гӯед ба мо афсона,*
*Бар ману бар Дурдона.*
*Шумо файзи хонаед,*
*Баҳри мо якдонаед.*
*Дард набинед модарҷон,*
*Ҳамеша гардед хандон.*

# АХТАРИ ТОБОНАМ



*Ба ту гӯям ассалом,*
*Ту лоиқи эҳтиром.*
*Дар васфи ту навиштам,*
*Ман суруду ин калом.*

*Модар, ту меҳрубонӣ,*
*Хеле ҳам хушзабонӣ.*
*Набинӣ ғам дар ҷаҳон,*
*Ту ахтари тобонӣ.*

# ҚУРБОНГУЛ

*Зебо духтар Қурбонгул,*
*Овозакаш чу булбул,*
*Ҳамеша бо зочааш,*
*Дар паҳлӯи очааш.*
*Вай духтари беозор,*
*Ба додарчааш ғамхор.*
*Аз дарс асло намонад,*
*Хубу аъло мехонад.*
*Афсона гӯяд падар,*
*Берун наравад аз дар.*
*Гӯяд модаркалонаш,*
*Ман гардам аз забонаш.*
*Ӯ фардо калон шавад,*
*Фахри хонадон шавад.*
*Фахрад бо вай додараш,*
*Ҳам падару модараш.*

# ГУЛРЎ

*Духтари доно Гулрӯ,*
*Мешӯяд худ дасту рӯ.*
*Ҳар субҳ баъди шустушӯ,*
*Шона мезанад ба мӯ.*
*Аз худ кунад сабақро,*
*Шӯяд дегу табақро.*
*Меҳрубони додараш,*
*Хушзабони модараш.*
*Тоза рӯбад хонаро,*
*Хуш хонад таронаро.*
*Ба назди модаркалон.*
*Орад чою қанду нон,*
*Давад ба сӯйи мактаб,*
*Омӯзад дарси адаб.*



# МУНДАРИЧА

Деҳаи ман.....................................................................3
Фидоят ман....................................................................4
Кучо шуд?......................................................................4
Баргард..........................................................................5
Садо...............................................................................6
Нидои дил......................................................................7
Аз дафтари ғазал............................................................8
Чаҳор соҳил..................................................................11

## БАРОИ НАВРАСОН

Духтари доно................................................................20
Модари ман...................................................................21
Танбал...........................................................................22
Манучеҳри доно............................................................23
Сипос............................................................................24
Ахтари тобонам.............................................................24
Курбонгул......................................................................25
Гулрӯ.............................................................................26

*Адабий-бадиий нашр*

Парвин ХОЛИҚОВ

# Башорат

(шеърлар)

Муҳаррир
**Асадулло ШУКУРОВ**
Техник муҳаррир
**Т. Смирнова**
Мусаҳҳиҳ
**Шаҳло Бобожонова**

«TAMADDUN» нашриёти. 100129.
Тошкент шаҳри, Навоий кўчаси, 30-уй.
Лицензияси рақами AI №247, 02.10.2013 й.

Босишга 2018 йил 3 августда рухсат этилди.
Бичими: 84x108 1/32 «Times New Roman» гарнитурасида
офсет босма усулида офсет қоғозида босилди.
1,68 шарт. б.т. 1,0 ҳисоб нашр. таб.
Адади 500 нусха. 90-сон буюртма.

“TURON-MATBAA” МЧЖ босмахонасида чоп этилди.
100011, Тошкент шаҳри, Олмазор тумани,
Талабалар кўчаси, 2-уй.

ISBN 978-9943-4555-1-1